**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100–1.16
202_1_ йил "_27_" _август_

"ТАСДИҚЛАЙМАН"
Р.И.Халмуродов
____________
202_ йил "___" ______

# ТОЖИК ФОЛКЛОРИ
**фанидан**
# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул<br>TFM1004<br>(бакалавриат/<br>магистратура)</td><td>Соли хониши<br>2021-2022</td><td>Семестри 1</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>4</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="2">Забони таълим<br>Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Ҳаҷми соатҳои ҳафтаина дарс<br>4</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td>Машғулотҳои аудиторӣ (соат)</td><td>Таълими мустақил (соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ (соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фолклори тоҷик</td><td>60</td><td>60</td><td>120</td></tr>
<tr><td>2</td><td colspan="5">I. Мазмуни фан<br>Мақсади фан – ба донишҷӯён оиди маросимҳои халқӣ, мавқеи он дар ташаккули тафаккури миллӣ пайваста бо ғояҳои истиқлоли миллӣ, хусусиятҳои жанрии осори шифоҳӣ, пайдоиш ва инкишофи жанрҳои фолклорӣ, муносибати адабиёти даҳанакӣ ва хаттӣ, равобити адабии тоҷику ӯзбек дар эҷодиёти шифоҳиро омӯзонидан ва малакаи дар амал тадбиқ намуданро ҳосил кардан мебошад.<br>Вазифаи фан оиди фолклори маросимҳои халкӣ, хусусиятҳои жанрии осори шифоҳӣ, пайдоиш ва инкишофи жанрҳои фолклорӣ, таърих ва инкишофи илми фолклоршиносӣ, намунаҳои осори давраи қадим, асрҳои миёна ва нави фолклори тоҷик, миф, асотир, ривоят ва сурудҳои қадима, афсона, латифа, нақлу ривоят, шугун ва бовар, зарбулмасал ва мақол, рубоӣ, бадеҳа ва ашулаҳои халқӣ маълумот додан мебошад.<br><br>II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)<br>II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:<br>Мавзӯи 1. Муқаддимаи фан. Фолклор ва равияҳои илми фолклоршиносӣ.<br>Мафҳуми «фолклор» ва «фолклоршиносӣ». Мақсад ва вазифаи илми фолклоршиносӣ. Хусусияти асосии эҷодиёти шифоҳии халқ. Фолклор – маҷмӯаи ҷинсу жанрҳои манзум ва мансури шифоҳӣ. Робитаи фолклор бо илмҳои шевашиносӣ, таърих, санъат ва мардумшиносӣ. Мактаб ва равияҳои фолклоршиносӣ. Мавқеи олимони рус дар илми фолклоршиносй. Маълумот дар бораи фолклоршиносии точик. Робитаи фолклори тоҷик бо фолклори халқҳои дигар</td></tr>
</table>

| | |
|---|---|
| | **Мавзӯи 2. Таърихи фолклори қадим ва асримиёнагии форсу тоҷик**<br>Таҷассуми аввалин эътиқодоти ниёгони тоҷику форс – Ҳурмуз /Аҳуромаздо/. Одаму Ҳаво, Ҷамшед ва Зардушт дар нақлу ривоятҳои қадимаи шифоҳӣ. «Авасто» - намунаи барҷастаи осори шифоҳӣ ва китобии қадимаи ниёгони форсу тоҷик.<br>Масъалаи пайдоиш ва тараққиёти эҷодиёти шифоҳӣ ва китобии ниёгони форсу тоҷик. Мақоми меҳнат дар пайдоиши забон ва тафаккур. Эҷодиёти шифоҳӣ, касбу ҳунар ва шаклу намудҳои санъат. Муносибати матни бадеӣ ва оҳангу наво, рабту ягонагии онҳо дар ҷараёни меҳнат. Мифология – аввалин хаёлоти бадеӣ ва таҷассуми ҷаҳоншиносии гузаштагони тоҷик. Хаёлот, тасаввурот, сеҳру ҷоду, ақидаҳои динӣ, парастишҳо, устура ва мифҳои қадим – шаклҳои нахустини эҷодиёти шифоҳии ниёгони форсу тоҷик. Мифҳои қадим: Митра, Аноҳита, Каюмарс, Ҷамшед ва достонҳои қаҳрамонии Рустам, Сиёвуш, Томариса, Шерак. Давраҳои таърихии фолклори тоҷик.<br>Аҳамияти бостоншиносӣ, мардумшиносӣ ва забоншиносӣ барои равшан сохтани саҳифаҳои норавшани таърихи афкори шифоҳии мардумӣ.<br>Ба вучуд омадани «Худойнома», «Пандномаи Бузургмеҳр», «Калила ва Димна», «Чор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Самаки Айёр», «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» - намунаҳои барҷастаи эҷодиёти шифоҳӣ ва китобии қадим ва асрҳои миёнаи форсу тоҷик ва насри ривоятӣ. Сабабҳои ба вучуд омадани сурудҳои таърихӣ<br>**Мавзӯи 3. Муносибати фолклор бо адабиёти хаттӣ**<br>Фолклор ҳамчун манбаи асосии адабиёти хаттӣ. Дар асоси осори эчодиёти даҳанакии халқ таълиф шудани беҳтарин асарҳои адабӣ Мавқеъ ва таъсири судбахши асарҳои шифоҳӣ дар эҷодиёти саромадон ва бузургони адабиёти овозадори форсу тоҷик - Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Низомии Ганчавӣ, Носири Хисрав, Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Убайди Зоконӣ, Чалолиддини Балхӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Биноӣ, Восифӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Ғаффор Мирзо, Пулод Толис, Абдумалик Баҳорӣ, Лоиқ Шералӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Убайд Раҷаб, Болта Ортиқзода, Гулчеҳра, Гулрухсор, Бозор Собир ва дигарон. Ба осори фолклор табдил ёфтани асарҳои адибон.<br>**Мавзӯи 4. Фолклори маросимҳои мавсимӣ**<br>Нақши ҳодисаҳои табиат дар пайдоиши сурудҳои мавсимӣ. Ҷараёни ташаккули маросими мавсимӣ, суруду таронаҳо бахшида ба Наврӯз ва Меҳргон. Таҷассуми анъана, расму оин, урфу одат ва олами маънавии халқ дар |

| | |
|---|---|
| | назми маросимӣ ва намудҳои он. Назми мавсимӣ ва мавзӯъҳои он. Тарона ва сурудҳо дар мавзӯи Наврӯз, гулгардонӣ, суманак, Сустхотун, Меҳргон, барфӣ. Фолклори кишоварсӣ ва меҳнат. Сурудҳои меҳнатии бофандагон, ҳешим, намадрезон, кӯҳнахар, майдо. Мундарича ва шаклҳои шеърии онҳо. Аҳамияти тарбиявӣ-маърифии назми мавсимӣ. Таснифоти шаклҳои гуногуни назми маросимии фолклор. Таърихи гирдоварӣ, таҳқиқ ва нашри фолклори мавсимӣ.<br>**Мавзӯи 5. Фолклори маросими тӯи арӯсӣ**<br>Маълумот дар бораи тӯи арӯсӣ ва давраҳои тайёрӣ ва гузаронидани он: пеш аз тӯӣ, тӯи калон, баъди тӯй. Ҷамъомади занону духтарон. Истифодаи жанрҳои гуногуни фолклорӣ дар раванди маросими арӯсии тоҷикон. Мавқеи сурудҳои "Саршӯён", "Сартарошон", "Ту меравӣ аз хона", "Гул равонай", "Ҳуй бале", "Шаҳ муборак", «Саломнома», «Ёр-ёр» ва дигар сурудҳои тӯёна. Тарзи иҷрои сурудҳои тӯёна. Хусусиятҳои бадеии сурудҳои маросими тӯй.<br>**Мавзӯи 6. Фолклори маросими мотам ва марсияхонӣ**<br>Маълумот дар бораи расму оини марбути маросими мотам. Маросими мотам қабл аз ислом ва пас аз он ва ба ҳам омезиш ёфтани оинҳои бостонӣ ва исломӣ. Ишорати Наршахӣ дар бораи сӯги Сиёвуш ва хондани навҳаҳо дар он замон (асри IX). Хондани марсия ҳангоми вафоти пирон ва ҷавонон. Жанри марсия ва хусусиятҳои хоси он. Марсия ва сурудҳои таърихӣ. Марсияи адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ.<br>**Мавзӯи 7. Жанрҳои фолклорӣ**<br>Ташаккул ва таҳаввули жанрҳои фолклорӣ. Дар жанрҳои гуногун ифода шудани мавзӯъҳои таърихиву иҷтимоӣ, шароити зиндагӣ ва ҷаҳонбинии мардум. Фарқи жанрҳои эҷодиёти шифоҳии халқ аз жанрҳои адабиёти хаттӣ<br>**Мавзӯи 8. Эпосҳои (достон) халқӣ. Эпоси Гӯрӯғлӣ**<br>Мафҳуми луғавӣ ва истилоҳии (достон) эпос. Эпоси «Гӯрӯғлӣ» давом ва таҳаввули достонҳои қаҳрамонии «Рустами Достон», «Шерак», «Спитамен» ва ғайра ва шароитҳои нави таърихӣ. Мавзӯъ сужет, образ ва мундариҷаи ғоявии достон. Достони «Гурӯғлӣ» - асари миллии мардуми тоҷик ва муносибати он бо достонҳои қаҳрамонии ҳамзабонони Эрону Афғонистон ва халқҳои туркзабон. Таҳлили қиёсӣ-типологии эпоси Гӯрӯғлӣ ва Алпомиш. Мактаби гӯрӯғлихонӣ, доираи интишор ва сарояндагони машҳури достон. Гӯрӯғли ва афсона. Образҳои асосии достон ва санъати таъсири амалиёти онҳо. Ғояҳои меҳнатдӯстӣ, қаҳрамонӣ, озодихоҳӣ, ватанпарварӣ ва адолатхоҳӣ дар достон. Тасвири воқеаҳои таърихӣ, лаҳзаҳои лирикиву романтикӣ, сабку гуфтор, банду баст, оғоз ва анҷоми достон.<br>**Мавзӯи 9. Зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ** |

| | |
|---|---|
| | Мафҳум ва маънидоди зарбулмасалу мақол ҳамчун жанр. Сарчашмаҳои пайдоиш, тараққиёт ва интишори зарбулмасалу мақолҳои халқӣ. Тафовут ва умумияти зарбулмасал ва мақол. Инъикоси таърих, ҳусну таровати забон, афкори иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ахлоқии халқ дар зарбулмасал ва мақол. Мавзӯъ, ғоя ва хусусиятҳои бадеии зарбулмасалу мақол. Муносибати зарбулмасалу мақол бо жанрҳои дигари фолклор ва адабиёти китобатии форсу тоҷик. Санъатҳои бадеӣ дар зарбулмасалу мақол. Таърихи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ.<br>**Мавзӯи 10. Чистонҳои халқӣ**<br>Мафҳуми истилоҳӣ ва жанрии чистон. Чистонҳои манзум, мавзӯъ ва санъати шеърии онҳо. Хелҳои чистон. Таърихи пайдоиш ва ташаккули чистон ҳамчун жанри бадеӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи чистонҳо. Чистон омили хушзеҳнӣ, ҳозирҷавобӣ ва ҷаҳоншиносӣ. Чистонҳои халқӣ ва китобӣ, умумият ва тафовути бадеии онҳо. Санъати бадеии маҷоз, истиора, ташбеҳ, ташхис, муболиғa ва ғ. дар чистон. Хусусияти типологии чистонҳои ўзбекӣ ва тоҷикӣ<br>**Мавзӯи 11. Жанрҳои лирикӣ ва хусусияти онҳо**<br>Мафҳуми луғавӣ, истилоҳӣ ва жанрии фардбайт, рубоӣ ва дубайтӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи рубоӣ ва дубайтӣ. Мавзуи ишқу ошиқӣ, ҷудоӣ ва ғарибӣ, шикоят аз зулми замон ва тақдир, ватандӯстӣ, фалсафӣ, ҳаҷвӣ, сарбозӣ, никоҳи маҷбурӣ ва ғайра дар рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ. Вазн, қофия ва санъатҳои бадеӣ дар рубоӣ ва дубайтӣ. Рубоӣ ва дубайтӣ, умумият ва фарқияти онҳо. Образ ва рамзҳои бадеӣ дар рубоиву дубайтиҳо. Ҷанбаи поэтикии рубоиёт ва дубайтиҳои халқӣ. Анъана ва навоварӣ дар рубоиҳои халқ. Мақоми рубоӣ ва дубайтӣ дар фолклор ва адабиёти китобии форсу тоҷик. Таърихи гирдоварӣ ва тадқиқи рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ.<br>Мафҳуми луғавӣ, хусусияти жанрӣ ва истилоҳии сурудҳои халқӣ. Мавзӯъ ва шакли шеърии сурудҳои халқӣ. Мафҳуми суруд ҳамчун савту наво ва матни бадеӣ. Шодиву фараҳ, ҳаҷв ва ғаму андӯҳ – мавзӯи сурудҳои мардумӣ. Санъатҳои бадеӣ, вазн, қофия ва нақароти сурудҳои лирикӣ ва таърихӣ. Сурудҳои таърихӣ, мавзӯъ, ғоя ва шакли шеърии онҳо. Таърихи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи сурудҳо.<br>Хусусияти жанрӣ ва тарзи иҷрои бадеҳа; мавзӯъ, ғоя ва шакли шеърии бадеҳа; таърихи пайдоиш ва инкишофи бадеҳа. шаклҳои гуногуни шеърӣ – ғазал, рубоӣ, мусаммати мураббаъ ва дубайтӣ бунёди бадеҳа. Бадеҳаҳои халқӣ ва китобӣ Мавқеи бадеҳа дар эҷодиёти ҳофизон ва шоирони мардумӣ. Аҳамияти тарбиявии бадеҳа ва бадеҳасароӣ. Поэтикаи бадеҳаҳои халқӣ. Доираи интишор ва таърихи ҷамъоварии бадеҳаҳои халқӣ.<br>Хусусияти жанрии тарона. Мавзӯъ, ғоя ва санъатҳои бадеии тарона. |

| | |
|---|---|
| | Доираи интишор ва таърихи ҷамъоварии тарона. Бандубаст, вазну қофия ва услуби тарона. Умумият ва тафовути тарона аз дигар шаклҳои лирикии халқ. Асосҳои назарӣ-поэтикии жанри тарона. Таърихи ҷамъоварӣ ва тадқиқи тарона.<br>**Мавзӯи 12. Жанрҳои насри шифоҳӣ**<br>Афсона – насри бадеии қадимаи фолклори тоҷику форс. Жанри афсона ва намудҳои он. Мақоми афсона дар ҳаёти гузаштаи халқ ва инкишофи хаёлоти бадеии он. Афсонаҳои сеҳрангез, тамсилӣ, маишӣ-ҳаҷвӣ, ишқи романтикӣ, мавзӯъ, образ, мазмун ва санъатҳои бадеӣ дар онҳо. Ғояи қаҳрамонӣ, инсондӯстӣ, адолатпарварӣ, вафодорӣ, ободонӣ ва инсондӯстӣ дар афсонаҳо. Танқиди зулму ситам ва руҳияи озодихоҳонаи халқ дар афсонаҳо. Таҷассуми мубориза қувваҳои некӣ ва бадӣ (Ҳурмузд ва Аҳриман, деву аждаҳо, Хайр ва Шар) дар афсонаҳо. Инъикоси орзуву умедҳои хаёлии халқ дар афсонаҳо. Ноқилони машҳури афсонаҳо ва фарқияти эҷодии онҳо.<br>Образ ва қаҳрамонҳои сеҳромез – дев, парӣ, симурғ, аспи болдор, дастархон, шона, оина, асо, мӯй, себ, шамшер, кампир, ҳизр ва ғ. Дар афсонаҳо. Ғояҳои қаҳрамонӣ, инсондӯстӣ, адолатпарварӣ, вафодорӣ, ободонӣ, ва инсондӯстӣ дар афсонаҳо. Муносибати афсона бо достонҳои қаҳрамонӣ. Таҳлил ва муқоисаи афсонаҳои воқеӣ саргузаштӣ ва ҳаҷвӣ-маишӣ. Таърихи гирдоварӣ ва нашри афсонаҳои халқӣ<br>Мафҳуми истилоҳӣ ва жанрии латифа. Латифа жанри ҳаҷвии фолклор, сайри таърихӣ, мавзӯъ ва образҳои латифа. Муносибати латифа бо мутоиба ва ҳикояҳои тамсилӣ. Таъсири жанри латифа ба адабиёти китобатӣ. Алолиддини Балхӣ, Муҳаммад Авфӣ, Саъдии Шерозӣ, Восифӣ, Алии Сафӣ ва инкишофи жанри латифа. Мавзӯот ва ғояи иҷтимоии латифаҳои халқӣ. Танқиди аҳли зулм, ҳуруфот, хулқу атвори бад ва ноодамӣ дар латифа. Латифа-таҷассуми ақлу хирад ва донишу фазли халқ. Образ ва қаҳрамонҳои латифаҳои халқӣ/ Ҷуҳо, Талхак, Хоҷа Насриддин, Афандӣ, Мушфиқӣ, Маҳаллатӣ ва ғайра. Латифаҳои маҳаллӣ ва қаҳрамонони онҳо. Таърихи гирдоварӣ ва тадқиқи латифа.<br>Хусусияти жанрии нақлу ривоятҳои халқӣ. Мавзӯъ, мазмун ва мундариҷаи ғоявии нақлу ривоятҳо. Образ ва қаҳрамонҳои асосии нақлу ривоятҳо. Нақлу ривоятҳо доир ба Ҳотами Той, Сино, Ҳазрати Ҳизр ва ғ. Фаҳмиш, дониш, андеша, фикру мулоҳиза, ақидаи мардум дар бораи зиёратгоҳҳо, ёдгориҳои қадимии таърихӣ, сардору сарварон ва арбобони намоёни давлатӣ, пешвоёни барҷастаи илму адабиёт, паҳлавонон ва ҳоказо.<br>Масъалаи истилоҳи дуо ва бовар дар манобеи китобӣ, шифоҳӣ ва тафовути онҳо аз жанрҳои хурди фолклорӣ.Таҳқиқ ва таҳлили дуо ва боварҳо |

аз ҷиҳати шакл, мундариҷа, сохтори забонӣ, бадей ва дар иртибот бо маросиму лаҳзаҳои гуногуни зиндагии мардум.

Вазифаи дуо ва бовар дар зиндагии моддӣ ва маънавии мардуми точик. Таҳқиқи поэтикаи дуо ва шугун аз ҷиҳати забон, услуб, персонаж, образ, вариантнокӣ ва монанди инҳо.

**Мавзӯи 13. Фолклори бачагон**

Мафҳуми фолклори бачагона ва хусусиятҳои он. Таркиб ва мундариҷаи фолклори бачагона. Тарона ва сурудҳои «алла», «гулгардонӣ», «се духтаракон», «Дарвоза нигин дорад» ва ғайра чун намунаи назми бачагона. Вазн, қофия, мавзӯъ ва санъатҳои бадеии назми фолклори бачагона. «Бузаки ҷингалапо», «Бибигамбӯсак» ва «Нахутак» намунаи насри фолклории бачагона. Аҳамияти фолклори бачагона дар инкишофи доираи назар ва завқи бадеии кӯдакон ва наврасон. Забон ва услуби назму насри фолклори бачагона. Таърихи гирдоварӣ, тадқиқ ва нашри фолклори бачагон.

**Мавзӯи 14. Намоишномаҳои халқӣ**

Мафҳум, хусусият ва сарчашмаҳои пайдоиш ва инкишофи намоишномаҳои халқӣ. Мавзӯъ, мундариҷа ва тарзу услуби иҷрои намоишномаҳои халқӣ. Мақоми лухтакбозон ва масхарабозону ҳаҷвнигорон дар инкишоф ва равнақи намоишномаҳои халқӣ

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалй аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Хусусиятҳои миллии фолклор. Фолклор ва маросим.
2. Мавзӯъ ва шакли шеърии назми фолклори маросими мавсимӣ
3. Мавзӯъ, ғоя ва шакли шеърии сурудҳои маросими тӯй
4. Навҳа ва марсияҳои халқӣ
5. Эпосҳои халқии Гӯруғлӣ ва образҳои асосии он.
6. Мавқеи зарбулмасал ва мақолҳо дар фолклори тоҷик
7. Чистонҳои халқӣ ва хусусияти бадеии онҳо
8. Сурудҳои халқӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо
9. Бадеҳаҳои шифоҳӣ ва шакли шеърии онҳо
10. Мазмуну мундариҷаи ашулаҳои халқӣ
11. Афсона ва намудҳои он.
12. Мундариҷаи ғоявӣ ва образҳои асосии латифаҳои халқӣ
13. Нақлу ривоятҳои халқӣ ва мазмуну мундариҷаи онҳо
14. Шугунҳои халқӣ ва мавқеи он дар зиндагӣ
15. Жанрҳои насри шифоҳии фолклори тоҷик
16. Назми таърихӣ, мавзӯъ, ғоя ва шаклҳои шеърии он.
17. Намоишномаҳои халқӣ

| | |
|---|---|
| | 18.Вазн, қофия, мавзӯъ ва санъатҳои бадеии назми фолклори бачагона<br>Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br>**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Таҷассуми анъана, расму оин, урфу одат ва олами маънавии халқ дар назми маросимӣ<br>2. Мазмун ва мундариҷаи ғоявии сурудҳои маросими мавсимӣ<br>3. Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии фолклори мавсимӣ<br>4. Ҷашни Наврӯз ва сурудҳои бахшида ба он.<br>5. Мазмун ва хусусияти жанрии сурудҳои маросими тӯй<br>6. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар сурудҳои маросими тӯй<br>7. Жанри марсия ва хусусиятҳои хоси он.<br>8. Инъикоси таърих, ҳусну таровати забон, афкори иҷтимоӣ ва ахлоқии халқ дар зарбулмасал ва мақолҳо<br>9. Санъатҳои бадеӣ дар зарбулмасалу мақолҳо<br>10.Таърихи пайдоиш ва ташаккули чистон ҳамчун жанри бадеӣ<br>11.Истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар чистонҳо<br>12.Таҳлили рубоиҳои халқӣ оид ба ишқу оила<br>13.Таҳлили рубоиҳои халқии доир ба мавзӯи ғарибӣ эҷодшуда<br>14.Рамзҳои бадеӣ дар рубоиҳои халқӣ<br>15.Воситаҳои тасвири бадеӣ дар рубоиҳои халқӣ<br>16.Вариантнокӣ дар рубоиҳои халқӣ<br>17.Таърихи пайдоиш ва инкишофи бадеҳаҳои халқӣ<br>18.Хусусияти жанрӣ ва санъатҳои бадеӣ дар таронаҳои (ашула) халқӣ<br>19.Муносибати латифа бо мутоиба ва ҳикояҳои тамсилӣ<br>20.Образ ва қаҳрамонҳои асосии латифаҳои халқӣ<br>21.Образ ва моҳияти иҷтимоии афсонаҳои тамсилӣ<br>22.Образ ва моҳияти иҷтимоии афсонаҳои ҳаҷвӣ<br>23.Образ ва моҳияти иҷтимоии афсонаҳои воқеӣ-саргузаштӣ<br>24.Образ ва моҳияти иҷтимоии афсонаҳои тамсилӣ<br>25.Таҷассуми мубориза қувваи некӣ ва бадӣ дар афсонаҳо<br>26.Мундариҷаи ғоявии эпоси Гӯрӯғлӣ<br>27.Образҳои асосии эпоси Гӯрӯғлӣ<br>28.Аҳамияти фолклори бачагона дар инкишофи доираи назар ва завқи |

| | |
|---|---|
| | бадеии кӯдакон ва наврасон<br>29. Фолклор ва адабиёти китобӣ<br>30. Мифология – аввалин хаёлоти бадеӣ ва таҷассуми ҷаҳоншиносии гузаштагони мо<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• ба давраи қадимтарин мансуб будани фолклори тоҷик ва омилҳои ташаккул ва таҳаввули он, намунаҳои осори давраи қадим, асрҳои миёна ва нави фолклори тоҷик, миф, асотир, ривоят ва сурудҳои қадима ва монандиҳои он бо эҷодиёти даҳанакии халқҳои дигар, маълумот дар бораи таърихи пайдоиш ва инкишофи фолклоршиносии ҷаҳон, аз он ҷумла фолклоршиносии тоҷик, бобати муайян намудани равия, ҷараён ва услубҳои эҷодии шоирони халқии тоҷик ва мавқеи онҳо дар инкишофи адабиёт ба ***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>• хусусияти жанрии фолклори тоҷик, фарқ карда тавонистан ва шарҳу эзоҳ додани ҳар як жанри эҷодиёти даҳанакии халқ, пайдоиш ва инкишофи жанрҳои фолклориро бакалавр бояд донад, доир ба типологияи жанрҳои асримиёнагии эҷодиёти даҳанакии халқ, эҷодиёти даҳанакии халқ ва адабиёти хаттӣ, эпоси гӯрӯғли ва мактаби гӯрӯғлихонӣ, намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халқи ҳозираро донад ва ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан соҳиб бошад;***<br>• доир ба фолклори маросимӣ, мавқеи асарҳои фолклорӣ дар ташаккули тафаккури миллӣ пайваста бо ғояҳои истиқлоли миллӣ, дар бораи хусусиятҳои асосии эҷодиёти даҳанакии халқии водиҳо, хусусияти жанрии фолклори тоҷик, фарқ карда тавонистан ва шарҳу эзоҳ додани ҳар як жанри эҷодиёти даҳанакии халқ, пайдоиш ва инкишофи жанрҳои фолклориро бакалавр бояд донад ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ; |

| | |
|---|---|
| | • ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Асрорӣ В., Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. – Душанбе, 1980. – 302 с.;<br>2. Асрорӣ В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1990. – 345 с.;<br>3. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.;<br>4. Шерназаров А. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик. (Васоити таълимӣ-услубӣ). – Самарқанд: СамДУ, 2017. – 132 с.<br>**Адабиёти иловагӣ**<br>5. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.<br>6. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.<br>7. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.<br>8. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида” ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда<br>9. Каримов И.А. Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир. (Баёни мухтасар). –Тошкент, Маънавият, 2008<br>10. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома.–Душанбе: Ирфон, 1964<br>11. Амонов Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ. Душанбе: Дониш, 1987.<br>12. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. Душанбе, 1963.<br>13. Амонов Р. Афсонаҳои халқи тоҷик. Душанбе, 2001.<br>14. Асрорй В. Адабиёт ва фолклор. Душанбе, 1967.<br>15. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. – Душанбе: Дониш, 2007<br>16. Аҳмадов Р. Оид ба таърихи тадқиқи фолклори маросимҳои мавсимӣ. Дар кит.: Фолклори тоҷик, ҷ 1. -Душанбе: Дониш, 1973 |

17. Афсонаҳои Самарқанд. Бо таҳрир ва такмили А.Қамарзода. –Тошкент, Муҳаррир, 2012
18. Баёзи фолклори тоҷик: рубоӣ, байт, ҷилди 1, Душанбе, 1985.
19. Баёзи фолклори тоҷик: зарбулмасал, мақол, чистонҳо, ҷилди 2, Душанбе, 1990.
20. Баёзи рубоиёт, Душанбе, 1976.
21. Берунӣ А. Осор-ул-боқия. –Душанбе, 1990
22. Жураев М. Фолклоршунослик асослари. Ўқув қўлланма. Тошкент: Фан, 2009
23. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросимии тӯи тоҷикон. –Душанбе: Дониш, 1978.
24. Икромӣ Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро. – Душанбе: Ирфон, 1969
25. Куллиёти фолклори тоҷик, ҷилдҳои 1-5. -Душанбе, 1986
26. Қодиров Р. Фолклори маросимии тоҷикони водии Қашқадарё. Душанбе, 1963,
27. Маҳдиев С. Проблемаи жанри латифа. Душанбе, 1977.
28. Мирзоев Х. Таърихи адабиёти тоҷик. (аз давраи қадим то асри VIII). – Душанбе, 1989.
29. Муродов О. Дар пардаи сеҳру ҷоду. –Душанбе: Ирфон, 1990.
30. Муҳаммад Наршахӣ. Таърихи Бухоро. –Душанбе, 1990
31. Нурҷонов Н. Драмаи халқии тоҷик. Душанбе, 1985.
32. Обидов Д. Афсонаҳои ҳаҷвӣ-маишии тоҷикӣ. Душанбе, 1978.
33. Обидов Д. Сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон. Душанбе: Дониш, 2000.
34. Раҳмонӣ Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳӣ. Душанбе, 1999.
35. Раҳмонӣ Р. Таърихи гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши афсонаҳои мардуми форсизабон. Душанбе, 2001.
36. Самадов А. Пайвандҳои дӯстӣ ва адабӣ. –Тошканд, Муҳаррир, 2012
37. Самадов А., Шерназаров А. Тавсияҳои методӣ доир ба ҷамъ намудани эҷодиёти даҳанакии халқ. –Самарқанд, СамДУ, 2014
38. Сӯфиев А. Чистонҳои халқии тоҷикӣ. Душанбе, 1972.
39. Таронаҳои Самарқанд. Тошканд, 2013
40. Фолклори Бухоро. Душанбе, 1983.
41. Фолклори води Қаротегин. Душанбе, 1986.
42. Фолклори Норак. Душанбе, 1963.
43. Фолклори сокинони саргаҳи Заафшон. Душанбе, 1960.
44. Фолклори тоҷик. Хрестоматия. Душанбе, 1989.

| | |
|---|---|
| | 46. «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ. Ба чоп тайёркунандагон: Ҳ.Рауфов ва М.Ҷалилова. Душанбе: Дониш, 1989<br>47. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик. – Душанбе, 1973<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>48. www.ZiyoNet.uz.<br>49. www.wekopedia.tj<br>50. file:///C:/Users/User/Desktop/Новая%20папка%20(3)/ustnoe-narodnoe-tvorchestvo.odt<br>51. file:///C:/Users/User/Desktop/Новая%20папка%20(3)/RusFolklore%20vol.21%201981.pdf |
| 7 | Дастури фан ____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>А.А.Шерназаров – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>Д.Ҳазратқулиён - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири:** Ч. Ҳамроев **проф. Ч.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси:** **проф. А.Пардаев**

**"Тасдиқлайман"**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**
_________**А.С.Солеев**
«24» Август **2021 йил**

12